Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

**ТАҚРИЗИ**

**ба автореферати диссертатсияи Иноятзода Афрӯза Ислом дар мавзуи «Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ.**

Автореферати диссертатсияи Иноятзода Афрӯза Ислом дар мавзуи «Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия» ба яке аз масъалаҳои марказии мурофиаи ҷиноятӣ бахшида шудааст. Таҳқиқоти мазкур дар таъмини кафолатҳои конститутсионӣ ба монанди ҳифзи судӣ, ошкоро будани муҳокимаи судӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, баробарии ҳама дар назди қонун ва суд аҳаммиятнок буда, ҷиҳати таъмини адолати судӣ ва ҳуқуқҳои иштирокчиёни муносибатҳои мурофиаи ҷиноятӣ аз ҷумла судшаванда, бо таъмини иштироки онҳо дар баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ ва ба таҳкими эътимод ба қонун ва мақомоти судӣ муосидат менамояд.

Рисоланавис заминаҳои таърихии пайдоиш ва рушди қоидаҳои баррасии арзу даъворо дар ҳузури тарафҳо баррасӣ намуда, ба маврид зикр менамояд, ки «таълимот ва андешаҳои пешқадами мутафаккирони форсу тоҷик дар бораи тантанаи адолати иҷтимоӣ, ошкоро ва шаффоф дар ҳузури тарафҳо баргузор шудани мурофиаи судӣ санҷишҳои гуногуни таърихиро гузашта, ҳамчун таҷрибаи нодири танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ба мо омада расидааст. Онҳо ҳамчун дастовардҳои миллӣ аҳаммияти ҳуқуқӣ, маънавӣ ва фарҳангии худро гум накардаанд. Имрӯз онҳо заминаи боэътимоди маънавии қонунгузории муосири миллӣ дар соҳаи рушди адолати судӣ буда, албатта, мувофиқ ба талаботи замони мо, асосҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа мазмуну арзиши нав пайдо кардаанд».

Воқеан, заминаи боэътимоди маънавии қонунгузории муосири миллиро дастовардҳои миллӣ ба монанди ошкоро бо иштироки аҳли ҷомеа ва ҷабрдида,судшаванда баррасӣ гардидани парванда, ки албата ба талаботи замони муосир бо назардошти асосҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии мувофиқ ташаккул меёбанд, ташкил медиҳад. Бинобар ин, моҳияти башардӯстона доштани меъёрҳои конститутсиониро дар кишвар

мо бо фарҳанги миллии бою ғании ниёгонамон алоқаманд намудан ба маврид ва тасдиқшуда мебошад.

Дар баробари ин, муаллиф дар автореферат қайд менамояд, ки айни замон Тоҷикистон дар роҳи бунёди давлати ҳуқуқбунёд қарор дорад, ки дар он анъанаҳои миллӣ ва ғояҳои пешрафтаи адолати судӣ, аз қабили дар ҳузури тарафҳо бо забони давлатӣ баргузор шудани мурофиаи судӣ бо тарзи мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, ҳалли дастаҷамъонаи масъалаҳои мурофиавӣ бо иштироки аҳли ҷомеа сарчашмаи ташаккули ҳуқуқи мурофиавии муосир ҳамчун пайвандгари мероси ниёгон бо фарҳанги насли имруза мебошад.

Дар воқеъ, таҳқиқоти суратгирифта, пажуҳиши нодир дар илми ҳуқуқшиносӣ буда, баҳри боз ҳам такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ҷиҳати таъмин ва риояи арзишҳои бунёдии Конститутсия, таҳкими амалияи судӣ бо мақсади амалишавии кафолатҳои конститутсионӣ пешниҳодҳои илмии мушаххаси унвоҷӯ нишон дода мешавад. Бе шак, натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда на танҳо аҳаммияти назариявӣ доранд, балки дар амалия низ метавонанд фарох истифода гарданд.

Нуктаҳои илмӣ ва навгонии илмии диссертатсия, моҳиятан дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ва амалӣ, инчунин таҳияи пешниҳоду тавсияҳо бобати такмили қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар соҳаи мазкур аҳаммияти хоса ва беназир доранд. Баҳогузории онҳо аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ муҳим арзёбӣ мешавад. Диссертант мақсад ва вазифаҳоеро, ки дар диссертатсия гузоштааст, муваффақона ба даст овардааст. Вазифаҳои таҳқиқот бо нуктаҳои барои ҳимоя баровардашуда алоҳаманданд. Автореферат ба сохтор ва мундариҷаи диссертатсия комилан мувофиқ буда, унсурҳои заруриро дар бар мегирад. Бояд махсус қайд намуд, ки пешниҳодҳои амалии муаллиф, ки дар автореферат ҷой дода шудаанд, барои такмили қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ замина гузошта, баҳри рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ метавонанд саҳми арзишманд гузоранд.

Аз таҳлил ва барассии ҳамаҷонибаи автореферат ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Зимнан, автореферати диссертатсия ҳамаи талаботи ҷойдоштаро дар худ ғунҷонида, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Қайд намудан ба маврид аст, ки пажуҳиши рисолаи илмии муаллиф дар заминаи сарчашмаҳои нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ, инчунин қонунгузории мурофиаи ҷиноятии давлатҳои

аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил гузаронида шуда, тавассути он роҳҳои ҳал ва такмили қонунгузории соҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мешавад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло метавон бо эътимоди комил иброз намуд, ки мавзуи рисола аҳаммияти муҳимми илмӣ ва амалиро доро мебошад.

Дар баробари ин, дар рисолаи илмӣ баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ ба монанди мавриди таҳлил қарор нагирифтани раванд ва рушди истифодаи технологияи рақамӣ дар пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ ба назар мерасад, ки онҳо сифати таҳқиқоти диссертатсиониро паст намекунанд ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Иноятзода Афрӯза Ислом ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи «Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия» қобилияти баланди илмӣ ва эҷодкорӣ нишон додааст.

Автореферати диссертатсия ва дастгоҳи илмии таҳқиқот ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба талаботи бандҳои 31, 32, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд ва муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.09 - Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Муовини якум, муовини ректор оид**
**ба таълим, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**дотсент** Қодирзода Д.С.

**Имзои Қодирзода Д.С.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва**
**ҳуқуқи ДТҲТ ба номи С. Раҳимов** **Шерализода З.Ш.**

Суроға: 734026, ҶумҳурииТоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Лучоб, 53, Тел: (+992) (37) 2277377

«02» 04 2025 с.